**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Иброгимова Машҳурахон Турачоновна дар мавзӯи «Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктор (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Масоили майдони функсионалӣ-семантикӣ ва муаммоҳои он яке аз масъалаҳои мубрами илми забоншиносии муосир буда, диққати олимони зиёдро ба худ ҷалб намудааст. Сабаб дар он аст, ки ин тарзи таҳлили воҳидҳои забонӣ ҳам шакли ифода, ҳам мазмун ва вазифаи онро дар бар гирифта, мавзуи баҳси грамматикаи функсионалӣ мебошад.

Таҳқиқоти муаммои майдони функсионалӣ-семантикӣ дар илми забоншиносӣ дар асри ХХ оғоз гардида, он аз тарафи забоншиносони рус ва хориҷӣ ба монанди В.Г. Адмонӣ, А.М. Бондарко, Е.В. Гулига, Е.И. Шенделс ва дигарон мавриди таҳқиқот қарор гирифта, ҷанбаҳои мухталифи он омӯхта шудааст.

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар забоншиносии тоҷик, воҳидҳои забоние, ки ба таркиби майдони функсионалӣ-семантикӣ, бахусус ба таркиби майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ шомиланд дар алоҳидагӣ аз тарафи забоншиносон Н. Маъсумӣ, Б. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Рустамов, Д.Т. Тоҷиев, О.Ҳ. Қосимов, Н.И. Ғиёсов, К. Усмонов ва дигарон омӯхта шуда бошанд ҳам, лек воҳидҳои мазкур аз лиҳози майдони функсионалӣ-семантикӣ таҳқиқ нагаштаанд. Таҳқиқоти Иброгимова М. омӯзиши нахустини майдони функсионалӣ-семантикӣ аз лиҳози забоншиносии муқоисавӣ мебошад.

Диссертатсия аз -муқаддима, се боби асосӣ, хулоса, феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима роҷеъ ба гузориши масъала, мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ, предмет ва объекти таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгониҳо, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, методҳои истифодашуда ва нуктаҳои ба ҳимоя пешбарикардашуда маълумоти мухтасар дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия «Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забоншиносӣ ва муаммоҳои он» номгузорӣ гардида, он ба омӯзиши тарзҳои таҳлили воҳидҳои забонӣ дар грамматикаи функсионалӣ ва сохтори майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар тасвири воҳидҳои забонӣ аз нуқтаи назари грамматикаи функсионалӣ муваффақ гардида, қайд менамояд, ки

майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои муқоисашаванда бо воҳидҳои гуногунсатҳи забонӣ: морфологӣ, синтаксисӣ ва луғавӣ (фразеологӣ) баён ёфтааст. Ӯ майдони функсионалӣ-семантикии локативиро дуруст ба ду майдони хурд: майдони хурди ҷойгиршавӣ ва майдони хурди ҷойивазкунӣ ҷудо намудааст.

Дар боби дуввуми диссертатсия “Майдони хурди ҷойгиршавӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ” сохтор ва нишондиҳандаҳои майдони хурд мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст. Зимни таҳлил хусусиятҳои хоси майдони хурд дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ муайян гардида, нишондиҳандаҳои майдони хурди ҷойгиршавӣ ботафсил таҳлил гардидаанд. Дуруст қайд гардидааст, ки нишондиҳандаҳои таркибии майдони хурд дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ хусусиятҳои изоморфиву алломорфиро соҳибанд.

Боби сеюми диссертатсия “Майдони хурди ҷойивазкунӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ” ба омӯзиш ва таҳлили муқоисавии майдони хурди ҷойивазкунӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Боби мазкур низ боби таҳқиқотӣ буда, дар он хусусиятҳои хоси майдони хурди ҷойивазкунӣ дар ду забони муқоисашаванда ботафсил мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Барои тасдиқи андешаҳо мисолҳои фаровон аз адабиёти бадеии тоҷикӣ ва англисӣ оварда шудаанд.

Натиҷаи таҳқиқоти майдон дар ҳар ду забони муқоисашаванда дар охири боби мазкур бо тасвир намудани сохтори майдонҳои хурд ва нишондиҳандаҳои он дар ҷадвали алоҳида оварда шудааст, ки ин шоистаи таъкид мебошад.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст карда шуда, аз ҷумла қайд гардидааст, ки сохтори майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар ду забони муқоисашаванда якхела нест. Воҳидҳои забоние, ки муносибатҳои фазоиро муаррифӣ менамоянд, гуногунанд. Дар ҳар ду забон ҳам майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ майдони бисёрмарказа буда, сохтори он яктаркиба нест.

Боиси қайд аст, ки Иброгимова М.Т. дар асоси истифодабарии дурусти усулҳои таҳқиқотӣ тавонист, маводи зиёди фактологиро таҳлил намуда, хулосаҳои аниқ барорад ва ҷиҳатҳои алломорфиву изоморфии майдони функсионалӣ-семантикии локативиро дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ нишон диҳад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи илмии Иброгимова Машҳурахон Тураҷоновна дар мавзуи «Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» кори таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб рафта,

ба ҳамаи талаботҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктор (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) ҷавобгӯ мебошад ва ба ҳимоя тавсия дода мешавад.

**Роҳбари илмӣ,**
**н.и.ф., дотсенти кафедраи**
**фонетика ва лексикологияи**
**забони англисии факултети**
**забонҳои хориҷӣ,**
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Б.Ғафуров** **Нематуллоева Мавлуда Негматовна**

**Имзои Нематуллоева Мавлуда**
**Негматовнаро тасдиқ менамоям:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»** **Наврӯзов Э.М.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Хуҷанд, г. Мавлонбеков 1.**
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**
**тел.: + 992(3422) 6 52 73** -

29.03.2024